**Тақриз**

Ба фишурдаи автореферати Рамазонзода Давлат Сулаймон дар мавзуи «Инкишофи қобилияти мусиқӣ -эҷодии кӯдакони синни калони томактабӣ дар фаъолиятҳои мусиқӣ - бозикунӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 5.3.2. Назария ва методикаи таълиму тарбияи томактабӣ (педагогикаи томактабӣ) пешниҳод шудааст.

Дар фишурдаи автореферат муҳақиқ бештар ба масъалаҳои инкишоф додани қобилияти кӯдакон бо воситаи бозӣ дар соҳаи эҷодиёти мусиқӣ ва роҳҳои такмил додани он ибрози ақида намудааст. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таълим ва тарбияи мусиқӣ дар кӯдакони таҳсилоти томактабӣ, масъалаҳои такмили маҳорати мусиқӣ ва эҷодӣ дар сарчашмаҳои педагогию психологӣ ва афкори адабӣ ва педагогии мутафаккирони тоҷику форс мавқеи калонро ишғол менамояд. Мавқеи бозӣ бо воситаҳои асбобҳои мусиқӣ дар ҳаёти кӯдакон, аҳаммият ва зарурати он барои инкишоф ва ташаккул додани ҷаҳони маънавии кӯдакон, роҳу усулҳои таълими мусиқӣ, инкишофи мусиқию эҷодӣ аз нуқтаи назари мутафаккирон маълумотҳои муфассал ҷамъовари карда шудааст.

Дар фишурдаи рисолаи илмӣ муҳақиқ корҳои таҳқиқотиро пурра ба анҷом расонида, аҳаммияти инкишоф додани қобилияти мусиқӣ ва эҷодӣ дар кӯдакони синни томактабӣ борҳо таъкид менамояд, ки дар ин давра кӯдакон ба омӯзиш бештар завқ доранд, таваҷҷуҳи нокифоя ба таълими мусиқии онҳо метавонад боиси иҷро нашуда мондани истеъдоди эҷодии онҳо гардад. Таҳқиқот нишон дод, ки дар муҳити таълимӣ равоншиносон пешниҳоди истифодаи чунин таснифро ҳамчун васила барои дастгирӣ ва кумак ба кӯдакони лаёқатманд пешниҳод кардаанд. Ворид шудани равоншинос ба низоми муосири маориф муоина, ташхис ва дастгирии кӯдакони оқилу қобилиятнокро дар бар мегирад, ки онҳоро метавон ганҷи тиллоии афроди лаёқатманд арзёбӣ кард.

Натиҷаҳои тадкикот аз ҷиҳати назариявӣ ва амалӣ дар фишурдаи диссертатсия ҳамчун расмҳо, диаграммаҳо, ҷадвалҳо ва ғайра инъикос карда шудаанд. Дар МТТ мусиқиро дар ҳамаи машғулиятҳои таълимӣ, махсусан, дар тамоми чорабинихои тарбиявӣ ва машғулиятҳои инкишофи нутк, шинос намудани кӯдакон бо адабиёти бадеӣ ва муҳити атрофе, ки моро иҳота кардааст, фаъолияти тасвирӣ, инчунин тарбияи ҷисмонӣ истифода бурдан ба маврид меҳисобад. Рисола ҳамчун кори анҷомёфта дар муқаддима, се боб, хулоса, тавсияҳои психологию педагогӣ, диккати ва коркарди омории далелҳо ва мисолҳо пешниҳод карда шудааст. Матни рисола аз 178 саҳифа иборат буда, рӯйхати адабиёти истифодашуда 199 ададро ташкил намуда, ба низомномаи КАО-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқат менамояд.

Дар автореферати диссертатсия ақидаи муаллиф муфассал ҷамъбаст карда шуда, таҳқиқот хуб арзёбӣ гардидааст. Саҳифабандии автореферат ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯй мебошад.

Дар баробари мувофиқиятҳо баъзе камбудӣ низ назаррас аст.

- Таваҷҷуҳ нисбат ба истифодаи бозичаҳои кӯдакона камтар дида мешавад.
- Дар баъзе ҷумлаҳо хатогиҳои имлоӣ ва техникӣ ҷой дорад.

Фишурдаи рисола вобаста ба ҳадаф ва объекти таҳқиқот, дар сатҳи баланд иҷро гардида, аҳамияти назариявӣ ва илмию амалии он инчунин, натиҷабардори дар сатҳи хуб қарор гирифтааст. Аз ин лиҳоз таҳқиқоти Рамазонзода Давлат Сулаймон дар мавзуи «Инкишофи қобилияти мусиқӣ - эҷодии кӯдакони синни калони томактабӣ дар фаъолиятҳои мусиқӣ - бозикунӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 5.3.2. Назария ва методикаи таълиму тарбияи томактабӣ (педагогикаи томактабӣ) сазовори унвони илмии номзади илмҳо дониста шавад.

Номзади илмҳои педагогӣ, дотсент.
мудири кафедраи методикаи таълими
забонҳои хориҷии донишгоҳи
байналмилалии забонҳои хориҷии
Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода Қаюмова Ҳ.Т.

**Маълумот барои тамос:**
**Суроға: 734019, ш. Душанбе, кӯчаи Муҳаммадиев, 17/6. Тел. 2325125**
E-mail: sadoratanglis@gmail.com

Имзои Қаюмова Ҳ.Т.-ро тасдиқ мекунам.

Сардори раёсати кадрҳо
ва корҳои махсуси ДБЗХТ
ба номи Сотим Улуғзода Юсупова Б.Ғ.